**ФАРМОНИ**
**РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Дар бораи тартиби Савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ**

Бо мақсади муайян намудани тартиби савгандёдкунии хизматчии давлатӣ ва дар сатҳи зарурӣ гузаронидани он фармон медиҳам:

Тартиби замимагардидаи Савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ тасдиқ карда шавад.

Муовини Сардор А. Латипов

ш. Душанбе
аз 2 августи соли 2007, №33-Д

Замима
бо фармони Раёсати
хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 августи соли 2007, №33-Д

**Тартиби Савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ**

Савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ аз талаботи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бармеояд, ки тибқи он шаҳрванде, ки бори аввал ба хизмати давлатии маъмурӣ қабул мешавад, дар ҳузури кормандони мақомоти давлатӣ ботантана савганд ёд мекунад.

Хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни давлатии ҳарбӣ, ки дар мақомоти зикршуда савганд ёд кардаанд, дар вақти ба кор ба хизмати давлатии шаҳрвандӣ гузаштан савганд ёд намекунанд. Савгандёдкунии худро онҳо бо гувоҳномаи мақомоти зикршуда тасдиқ мекунанд, ки он дар делои шахсии онҳо нигоҳ дошта мешавад.

Савгандёдкунии хизматчии давлатӣ дар толори махсус, ки дар он рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, гузаронида мешавад. Он нишон, ифодаи иродаи масъулияти шаҳрванди ба хизмати давлатӣ дохилшуда дар назди ҷомеа ва давлат аст, инчунин ифодаи таҳкими давлату давлатӣ, рушди хизмати давлатӣ ва устувории ҳайати дастгоҳи давлатӣ мебошад.

Маросими савгандёдкунӣ бо сухани ифтитоҳии роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи таъин ва озод кардани хизматчии давлатиро дорад, гузаронида мешавад.

Роҳбари мақоми давлатӣ метавонад ташкил ва гузаронидани ин маросимро ба зиммаи муовин, роҳбари воҳиди сохторӣ ва хадамоти кадрӣ вогузор намояд.

Дар маросими савгандёдкунӣ даъват кардани дигар шахсони мансабдор ва кормандони воҳидҳои сохтории мақоми давлатӣ мумкин аст.

Шахси савгандёдкунанда ба минбар баромада, матни савгандро мехонад, ки матни он чунин аст:

«Ман (ному насаб), шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хизмати давлатӣ қабул шуда, ботантана ва бо ҳисси масъулияти баланди ватандӯстӣ савганд ёд мекунам:

–адои хизмати давлатиро дар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ифодаи боварии махсус аз тарафи ҷомеа ва давлат дарк намуда,

–Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намуда,

–дар фаъолияти худ принсипҳои қонуният, адолат, беғаразӣ ва ростқавлиро ба роҳбарӣ гирифта,

–тибқи талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ бовиҷдонона ва ба дараҷаи баланди касбӣ хизмат намуда,

–ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф ва эҳтиром намуда, афзалияти манфиатҳои давлат ва ҷомеаро вазифаи асосии худ ҳисоб мекунам.

Барои вайрон намудани савганди ёдкардаам худро дар назди ҷомеа ва давлат масъул меҳисобам».

Баъди хондани савганд хизмачии давлатӣ бо имзои худ ва санаи рӯз маросими савгандёдкуниро тасдиқ менамояд ва аз ҳамон лаҳза ба хизмати давлатӣ дохилгардида эътироф мешавад.

Матни савганд дар делои шахсии хизматчии давлатӣ нигоҳ дошта мешавад.

Маросими савгандёдкунӣ бо баён шудани суханони табрикотии иштироккунандагон ва садо додани гимни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом мерасад.